# ТАҚРИЗИ

мукаррризи расмӣ ба кори диссертатсионии Қодиров Ҷаъфар Ашурович дар мавзуи “Асосҳои педагогии омӯзиши технологияҳои компютерӣ ба донишҷӯён – мутахассисони ояндаи равияҳои иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10 – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3 – Назария ва технологияи таълими информатика) пешниҳод шудааст

*Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.* Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Қодиров Ҷаъфар Ашурович дар мавзуи “Асосҳои педагогии омӯзиши технологияҳои компютерӣ ба донишҷӯён – мутахассисони ояндаи равияҳои иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба шиносномаи ихтисоси илмии ба шиносномаи ихтисоси 5.3.10 – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3 – Назария ва технологияи таълими информатика), аз он ҷумла, ба банди 4 – Омодасозии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ба банди 7 – Педагогикаи амалӣ (ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот, фаъолияти озмоишӣ-таҷрибавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таҳсилоти фосилавӣ) мутобиқат дошта, дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои кормандони илм-аз рӯйи ихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, иҷро карда шудааст.

*Мубрам будани мавзуи диссертатсия.* Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи Қодиров Ҷаъфар Ашурович яке аз мавзуъҳои ҳалталаб ва саривақтии педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад. Мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Қодиров Ҷ.А. бо он муайян карда мешавад, ки бори аввал вазъи умумии мавҷудаи тайёрии донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ дар соҳаи истифодабарии технологияҳои компютерӣ ва иттилотӣ-иртиботӣ дар фаъолияти касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Тавсияҳо оид ба номгӯй ва самти рушди салоҳиятҳои зарурӣ дар донишҷӯёни равияҳои иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти истифодабарии технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ-иртиботӣ коркард ва пешниҳод шудаанд.

Бинобар ин, натиҷаҳои таҳлили вазъи муосири низоми мавҷудаи коркарди салоҳиятҳо дар соҳаи истифодабарии технологияҳои

компютерӣ ва иттилоотӣ-иртиботӣ дар фаъолияти касбии донишҷӯёни равияи иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои таҳлили вижагиҳои ихтисоснокӣ-салоҳиятнокии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар самти омӯзиши донишҳо, маҳорату малакаҳои истифодабарии технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон технологияи иттилоотӣ амалан фарогири фаъолияти касбии тамоми мутахассисони соҳаҳои иқтисодӣ, ба монанди муҳосибот, андоз, андозбандӣ, кори бонкӣ, молия ва дигар бахшҳои иқтисоди кишвар гардидааст. Мутамарказ ва васеъ гаштани фазои иттилоотии мамлакат акнун он гуна мутахассисони соҳаи иқтисодиро интизор аст, ки онҳо бевосита аз василаҳои муосири нигаҳдорӣ ва коркарди иттилоот огаҳӣ дошта бошанд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳлили сатҳи мувофиқати мазмуни амалкунандаи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсаду вазифаҳои азхудкунии технологияҳои касбии компютерӣ аз ҷониби донишҷӯён, натиҷаҳои таҳлили вазъи амалии раванди омӯзиши технологияҳои компютерӣ ба мутахассисони ояндаи равияи иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаҳои озмоиши педагогӣ оид ба ошкорсозии сатҳи малака ва салоҳиятҳои заминавии донишҷӯёни соли якуми таҳсили факултетҳои иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ш. Душанбе дар самти истифодабарии технологияҳои компютерӣ ва иттилотӣ-иртиботӣ барои рушди минбаъдаи он то сатҳи зарурӣ дар фаъолияти минбаъдаи касбӣ муайян карда шудаанд.

Таҳлили андешаҳои пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки мавзуи диссертатсияи Қодиров Ҷ. А. дар шароити муосир аз назари илмӣ ва амалӣ муҳим ва зарурӣ аст. Мувофиқ ба талаботи таҳсилоти муосир дар самти таълими фанҳои «Информатика» ва «Технологияи иттилоотӣ» мавзуъ ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар таълим (аз таҳсилоти миёнаи умумӣ то дараҷаи таҳсилоти олии касбӣ) алоқаманд аст ва аз ин рӯ, дорои аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалии баланди илмӣ мебошад.

Бояд таъкид кард, ки дар воқеъ таҳқиқоти Қодиров Ҷ. А. аз арзиши илмиву аҳаммияти амиқи назариявию амалӣ бархурдор буда, он аз муқаррароте иборат мебошад, ки дар доираи муносибати системавӣ, назарияи педагогикаи умумӣ нуҳуфтаанд, инчунин аз муқаррароти назариявӣ аз педагогика ва психологияи муҳити таълимӣ, таҳқиқоту тафсирҳо оид ба назария ва методикаи иттилоотикунонии таҳсилот,

истифодабарии технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ-иртиботӣ (ТКИИ) дар раванди таълим, истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар таҳсилоти олии касбӣ, инчунин назарияҳо оид ба муносибати босалоҳият ва ғайра иборат мебошанд.

Дар кори илмӣ, инчунин, принсипу усулҳои умумиилмии пайдарпайӣ, маҷмуӣ, таърихӣ, илова ва давомнокӣ, муносибати субъективию фаъолиятӣ, инчунин усулҳои илмӣ, ба мисли таҳлил, синтез, индуксия, тарҳ ва ғ. ошкор, истифода ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Дар баробари ин, унвонҷӯй Қодиров Ҷаъфар дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳиммеро вобаста мавзуи диссертасия ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо ба қадри имкон комёб гаштааст, аз он ҷумла:

– бори нахуст муносибатҳои назариявӣ ва методологӣ доир ба коркарди малакаҳо ва салоҳиятҳои донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ дар соҳаи истифодабарии ТКИИ дар фаъолияти касбӣ таҳлил ва арзёбӣ гардидаанд;

– бори аввал вазъи умумии мавҷудаи тайёрии донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ дар соҳаи истифодабарии ТКИИ дар фаъолияти касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст,

– тавсияҳо оид ба номгӯй ва самти рушди салоҳиятҳои зарурӣ дар донишҷӯёни равияҳои иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти истифодабарии ТКИИ коркард ва пешниҳод шудаанд.

Аз ин дидгоҳ, месазад, ки таҳқиқоти мавриди баррасиро ниҳоят мубрам, саривақтӣ ва дархури ниёзҳои таҳсилоти муосир арзёбӣ кунем.

*Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.* Қабл аз ҳама, месазад дурустӣ ва фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия будани вазифаҳо ва фарзияи илмии муаллифи диссертатсияро қайд намоем. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Қодиров Ҷ. А., ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯйи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф бори нахуст муносибатҳои назариявӣ ва методологӣ доир ба коркарди малакаҳо ва салоҳиятҳои донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ дар соҳаи истифодабарии технологияҳои компютерӣ ва иттилоотию иртиботӣ дар фаъолияти касбӣ таҳлил ва арзёбӣ гардида, вазъи умумии мавҷудаи тайёрии донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ дар соҳаи истифодабарии технологияҳои компютерӣ ва иттилоотию иртиботӣ дар фаъолияти касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди тахлил қарор дода шудааст, тавсияҳо оид ба номгӯй ва самти рушди салоҳиятҳои зарурӣ дар донишҷӯёни равияҳои иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти истифодабарии технологияҳои компютерӣ ва иттилоотию иртиботӣ коркард ва пешниҳод шудаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва озмоишӣ масоили зиёди вазъи муосири низоми мавҷудаи коркарди салоҳиятҳо дар соҳаи истифодабарии технологияҳои компютерӣ ва иттилоотию иртиботӣ дар фаъолияти касбии донишҷӯёни равияи иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасли худро ёфтаанд.

Нуктаҳои илмии зерини аз ҷониби муаллифи таҳқиқот ба ҳимоя пешниҳодшуда натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва муҳтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

1) натиҷаҳои таҳлили вижагиҳои ихтисоснокӣ – салоҳиятнокии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар самти омӯзиши донишҳо, маҳорату малакаҳои истифодабарии технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ;

2) таҳлили сатҳи мувофиқати мазмуни амалкунандаи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсаду вазифаҳои азхудкунии технологияҳои касбии компютерӣ аз ҷониби донишҷӯён;

3) арзёбии вазъи амалии раванди омӯзиши технологияҳои компютерӣ ба мутахассисониояндаи равияи иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4) натиҷаҳои озмоиши педагогӣ оид ба ошкорсозии сатҳи малака ва салоҳиятҳои заминавии донишҷӯёни соли якуми таҳсили факултетҳои иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ш. Душанбе дар самти истифодабарии технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ-иртиботӣ барои

рушди минбаъдаи он то сатҳи зарурӣ дар фаъолияти минбаъдаи касбӣ.

*Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.* Муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи методикаи таълим, педагогика ва психология, кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот анҷом ёфтаанд.

Аслияти муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодгардида бо гузориши саҳеҳи вазифаҳо; истифодабарии маълумотҳои расмии оморӣ; асосноксозии мавқеъҳои ибтидоии методологӣ; мувофиқати маҷмуи методҳои истифодагардида ба предмети таҳқиқот ва вазифаҳои гузошташуда; таҷрибаи шахсии таҳқиқотчӣ таъмин карда мешавад.

Мувофиқати натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф бо натиҷаҳои таҳқиқотҳои ба ҳам наздики муаллифони дигар, инчунин муқаррароти ибтидоии назариявӣ муқаррар карда шудааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро боз ҳам возеҳтар собит месозанд.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, таҷрибаи шахсии худи муаллиф, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот, тасдиқи асоснокии нуктаҳои калидии илмӣ ва хулосаҳои диссертатсионӣ бар пояи методологияи таҳлили системавӣ, консепсияи илмии ташхиси компютерӣ, усулҳои назариявӣ ва амалии мутобиқ ба мавзуъ, мақсад, вазифаҳои тадқиқот ва натиҷаи озмоишҳои педагогӣ устуворона пойбарҷо буда, пойгоҳи асоснокӣ ва муътамадии мазмуну мундариҷаи диссертатсияро хулосаву тавсияҳои дар он шаклгирифта, натиҷаҳои илмии бо истифода аз усулҳои санҷидашудаи педагогӣ бадастомада, боэътимодӣ ва миқдорӣ кифояи таҷрибаҳои педагогӣ, муқоисаи онҳо бо сарчашмаҳои маълум, озмоишҳо, арзёбии натиҷаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ, вебинарҳо ва нашри маводди илмии тадқиқот ташкил додаанд.

Инчунин, мазмуну муҳтаво ва хулосаҳои кори диссертатсионӣ дар мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва маҷмуаи маводди конференсияҳо чопшуда, дар як қатор маърузаҳои аз ҷониби муаллиф дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва дар гузоришу муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмӣ-методии дар Пажӯҳишгоҳи рушди

маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баргузор гардиданд, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

*Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:*

Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот дар тавсияҳое, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳод шудааст, зуҳур меёбад, зеро тавсия кардааст, ки салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни ихтисосҳои равияи иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар самти истифодаи технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ-иртиботӣ ташаккул дар сурати роҳандозии тадбирҳои амалии зерин ташаккул хоҳад ёфт:

1) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот дар соҳаи татбиқи технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ-иртиботии низоми таҳсилоти олии касбӣ мутобиқ ба талаботи Низоми Болонии таҳсилот ба роҳ монда шаванд;

2) барои рақобатпазирии мутахассисон дар бозори меҳнат, ки мутобиқи низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр карда мешаванд, ба онҳо салоҳиятҳои махсус, ки бо технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ-иртиботӣ алоқаманданд, омӯзонида шаванд;

3) ташаккули салоҳиятҳои зарурӣ дар донишҷӯёни равияҳои иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба сатҳи ҷаҳонӣ мувофиқ бошад, бо истифодаи технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ-иртиботӣ амалӣ карда шавад.

4) муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҷҳизот ва технологияҳои муосири компютерӣ таъмин карда шаванд ва ин таҷҳизоти таълимӣ дар раванди омӯзиши мутахассисони равияҳои иқтисодӣ васеъ истифода бурда шаванд;

5) барои довталабоне, ки ба ихтисосҳои иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон дохил мешаванд, инчунин донишҷӯёни курсҳои якум, машғулиятҳои иловагӣ ташкил ва гузаронида шавад;

6) барои донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон курсҳои иловагӣ оид ба омӯзиши асосҳои математика ва информатика ташкил ва мунтазам баргузор карда шавад;

7) моделҳои заминавии азхудкунии технологияҳои компютерӣ ва иттилоотию иртиботӣ аз ҷониби донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ ва омилҳои мазмуни таълими фанҳои иттилоотӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ коркард ва мавриди истифода қарор дода шаванд.

Бояд таъкид кард, ки ин пешниҳоду тавсияҳои ироанамудаи довталаби дараҷаи илмӣ дар воқеъ аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоӣ дошта, дар сурати амалисозии онҳо салоҳиятҳои иттилоотию иртиботии

донишҷӯёни равияҳои иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул хоҳанд ёфт.

*Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:*

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методии дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баргузоршуда ироа ва баррасӣ шуда, дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли 7 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақола дар маҷмуаи маводди конференсияҳо ва нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

*Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:*

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Натиҷаҳои илмии тадқиқотӣ бо пайвандҳои байниҳамдигарии худ ва ягонагии дохилии диссертатсия шакл гирифта, дар доираи назарияи илми педагогикаи кишвар, ки фарогири масъалаи муносибати босалоҳият дар таҳсилот ва санҷиши объективонаи дониши донишҷӯён – мутахассисониояндаи равияҳои иқтисодӣ мебошанд ва дар рушди илми педагогика ва информатика саҳми босазо гузошта метавонанд.

Дар матни диссертатсия маводди муаллифони дигар ва ҳиссаи

ҳаммуалифон танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст. Автореферат ва натиҷаҳои илмӣ бо эътимоди кофӣ муҳтавои тадқиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

*Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ.* Дар баробари дастовардҳои муҳимми илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия ба манфиат хоҳад анҷомид:

1. Дар навгонии илмии таҳқиқот зикр шудааст, ки: "... Бори аввал вазъи умумии мавҷудаи тайёрии донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ дар соҳаи истифодабарии технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ-иртиботӣ дар фаъолияти касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст». Вобаста ба ин, муаллифи диссертатсия бояд пешниҳод мекард, ки барои амалӣ намудани ин муқаррарот дар раванди таълим кадом масъалаҳо бештар барои амалӣ гардидани он мусоидат менамуданд.

2. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба донишҷӯён – иқтисодчиёни оянда дастрас намудани маводди электронӣ тавсия дода шудааст. Вале кадом воситаҳои дастрас намудани онҳо дар раванди таълим афзал ҳисобида мешавад, ба таври фаҳмо шарҳ дода нашудааст.

3. Тавре маълум гардидааст, вобаста ба номгӯи ихтисосҳои равияи иқтисодӣ ва миқдори такроршавии онҳо дар се муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (ДМТ, ДСРТ, ДДМИТ), ки дар диссертатсия омадааст, мавҷудияти ихтисоси иқтисодии аз ҳама зиёдтар дар кадом ихтисосҳо муайян карда шудааст. Вале оид ба ташаккули салоҳиятҳои иттилоотии донишҷӯён дар ин ихтисосҳо бо истифода аз технологияҳои иттилоотию иртиботӣ кадом корҳо ба анҷом дода шудааст, нишон дода нашудааст.

4. Ҳам дар автореферат ва ҳам дар рисола баъзе хатоҳои услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ваислоҳшаванда буда, ба арзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертатсияро кам нахоҳанд кард.

**Дар маҷмуъ,** диссертатсияи Қодиров Ҷаъфар Ашурович дар мавзуи "Асосҳои педагогии омӯзиши технологияҳои компютерӣ ба донишҷӯён – мутахассисониояндаи равияҳои иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои ҳимоя ва дарёфти

дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10 – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3 – Назария ва технологияи таълими информатика) пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи технологияи
рақамӣ ва амнияти киберии Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Назаров Аҳтам
Пулотович

“30” 07 соли 2026.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Саид Носир - 33. Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел: (+992) 908-08-2384.

Имзои Назаров А.П. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси АИД назди Президенти ҶТ А. Насурдинзода